# ҶОЙГОҲИ ГӮЙИШИ ВОЖАИ САМАРҚАНД ДАР ИЛМИ ШЕВАШИНОСӢ

*Азиза Шукурова Хайруллоевна*

*Докторанти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи донишгоҳи давлатии Самарқанд.*

**Аннотатсия:** Ҷумҳурии мо дорои шаҳрҳои бойи таърихӣ ва маданӣ мебошад. Аз ҷумла ҳамчун шаҳрҳои дигари қадими таърихӣ ба монанди Тошкент, Бухоро, Фарғона ва Термиз шаҳри Самарқанд низ ҳамчун сарзамини алоҳидаи ба эътироф арзанда аст. На танҳо дар миқёси Ӯзбекистон, балки дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ин шаҳр обрӯ ва нуфузи баланди ба худ хосро дорост. Ҳар сол ба ин сарзамини бостонӣ аз минтақаҳои гуногуни дунё сайёҳон ташриф мефармоянд.

**Калима ва ибораҳои такягоҳ:** Самарқанд, бой, таърихӣ, дунё, мардум.

Чӣ хеле, ки аз сафҳаи таърих мо медонем, шаҳри Самарқанд баҳри халқҳои Осиё на балки вазифаи чорраҳаи маданӣ, балки баҳри давлатҳои дар мамлакат вуҷуд дошта вазифаи пойтахтро низ иҷро кардааст. Аз ҷумла, дар давраи ҳукмронии Амир Темур низ ин шаҳр ҳамчун пойтахт эътироф гардида, дар он таърихи миллат ва саргузашти ин халқи бузург инъикос ёфтааст. Агар мо ба харитаи ҷумҳуриамон назар кунем, шоҳиди он мегардем, ки шаҳри Самарқанд дар маркази республикаамон ҷой гирифтааст. Ин вилоят дар қисми ҷанубӣ-ғарбии Ӯзбекистон, қисми марказии водии Зарафшон ҷой гирифта, бо вилоятҳои Навоӣ, Ҷиззах ва Қашқадарё ҳамсарҳад аст. Маркази вилоят шаҳри Самарқанд мебошад. Аҳолии ин ҳудуд, бо сатҳи 695 метр баландӣ аз сатҳи баҳр ҷойгир шуда, аз рӯдҳои Шовдор ва Боғишамол об мегирад. Майдони он 120 км квадратӣ буда, аҳолияш 1 млн 50 ҳазор нафарро ташкил мекунад.

Нисбати пайдоиши номи ин шаҳр ақидаҳои гугонун вуҷуд доранд. Баъзе таърихчиён қисми аввали калимаи Самарқанд, яъне “самар”-бо номи шахсе вобаста медонанд, ки дар таърих ин шаҳри қадимаро забт намуда, ба он асос гузоштааст. Аммо дар китобҳои таърихӣ ва манбаҳо оиди ин гуна шахс ҳеҷ гуна маълумот дарёфт нест. Қисми дуюми ин калима, яъне “кент-канд” мафҳумҳои шаҳар, деҳаро баён мекунад. Муаллифони давраи антик ин шаҳрро “Мароқанда” гӯён таълиф мекунанд. Баъзе олимони ғарб бошанд маънои Самарқандро аз калимаи қадимаи санскритӣ пайдо шудааст, гӯён иддао мекунанд. Абу Райҳон Берунӣ ин номро дар натиҷаи талаффузи нодурусти “Семизкент” пайдо шудааст, гӯён эътироф мекунад. Сайёҳи испонӣ Клавихо низ бо Берунӣ ҳамақида буда, фикри ӯро таксдиқ мекунад. Калимаи “Семизкент” мафҳуми номи “қишлоқи фарбеҳ”-ро мефаҳмонад.

Самарқанд яке аз маконҳои қадими таърихии дунё буда, таърихи 2700 соларо доро аст. Ин шаҳар дар асрҳои IV ва VI-и пеш аз мелод пойтахти давлати Суғд буд. Дар ин ҳудуд дар давраи палеолит низ одамон зиндагӣ мекардаанд. Соли 329-и пеш аз мелод лашкарони Искандари Македонӣ ин шаҳрро вайрон мекунанд. Аз рӯи навиштаҷотҳои таърихчии Рим Квинт Курсий Руф, доираи қалъаи девори Самарқанд тахминан 10, 5 км будааст. ( дар охири асри I-и пеш аз мелод ва асри I-и мелодӣ).

Баъдтар шаҳри Самарқанд ба таркиби ҳоқонати Турк ва ҳоқонати Ғарбии турк ҳамроҳ карда мешавад. Пас аз он ин шаҳр ба бисёр давлатҳо, аз ҷумла ба таркиби хилофати

Араб, давлатҳои Сомониён ва Қорахониён мегузарад. Истилои муғулҳо ба Самарқанд низ таъсири хешро нагузошта намонд. Ҳамчун дигар шаҳрҳо Самарқанд низ чандин вайронагариҳоро аз сар мегузаронад. Дар давраи ҳукмронии Амир Темур дар Самарқанд бисёр корҳои меъморӣ ба амал оварда шуд. Чӣ хеле, ки дар урфият мегӯянд Самарқанд ба сайқали рӯи замин табдил ёфт. Дар архитектураи шаҳр, ки дар асоси санъати меъмории Эрон бунёд ёфтааст, маданиятҳои байниҳамдигарии туркӣ ва форсӣ акси хешро ёфтаанд. Дар давраи ҳукмронии Шайбониён низ дар ин шаҳр якчанд дигаргуниҳои куллӣ ба амал оварда шуд. Хусусан, атрофи мадрасае, ки дар давраи ҳукмдорӣ темурӣ Мирзо Улуғбек қад афрохта буд, ҳамчун майдони Регистон шакл ёфт. Регистон дар давраи ҳокими Самарқанд Ялангтӯш Баҳодур молиягардонидашуда, бо роҳбарии ҳоким аз нав сохта мешавад. Самарқанд дар давраи ҳукмронии Росияи Чор ва Советӣ низ аҳамияти хешро гум намекунад. Дар ин давр тамоми ҳудуди вилоят саноатгардонидашуда, завод ва фабрикаҳо қад рост карда мешаванд. Шаҳар бо вақти муайян ҳамчун вазифаи пойтахти ЎзССР-ро низ ба ӯҳда мегирад. Дар давраи мустамликавӣ низ дар Самарқанд бисёр зиёиён,(ҷадидҳо) ва намояндагон мебароянд. Ин ҷараён дар давраи аввали истиқлолият ва ҳозир ҳам давом ёфта омада истодаанд. Дар таърих сето шаҳр ба мақоми пойтахт соҳиб гардидаанд. Якумӣ Бухоро, Самарқанд, сипас шаҳри Тошкент...

Самарқанди имрӯза (агар маҳаллаҳои дохили шаҳрро ба инобат нагирем), аз ҷиҳати ҳудудӣ-маъмурӣ ҷудо карда нашудааст. Аз ҷиҳати маъмурӣ ҷудо карда шудани ҳудуди шаҳр соли 1939 ба амал оварда шудааст. Дар он ҳудуди шаҳр ба се қисм ҷудо карда шуда, зеринҳоро дар бар мегирад:

**Боғи- Шамол-қисми маркази шаҳр**

**Сиёб-қисми шарқии шаҳр**

**Железнодорожний-қисми ғарбии шаҳрро ташкил мекунанд.**

Дар соли 1950 ин се туман бо сабабҳои ноаён бекор карда мешавад, вале соли 1976 боз аз сар ташкил карда мешавад. Дар аз нав ташкил кардан номи Боғи-Шамол бо Боғишамол иваз карда мешавад. Соли 1990 бошад, номи ноҳияи Железнодорожний бо Темирйӯл иваз карда мешавад. Дар охири соли 2003 дар бораи бекор гардидани се тумани шаҳр қарор қабул карда шуда, соли 2004 1 январ ҳамаи ин туманҳо бекор карда мешавад.

Аз рӯи маълумотҳо солҳои 1841-1870 дар Самарқанд 10 ҳазор нафар аҳолӣ истиқомат мекарданд. Дар натиҷаи миграциятсияҳои доимӣ, ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ ва боз чандин омилҳо ин маълумотҳо дигар шуда меистанд. Аз ҷумла:

**Соли 1845 26000**

**Соли 1897 55000**

**Соли 1939 136000**

**Соли 1959 196000**

**Соли 1970 267000**

**Соли 1975 299000**

Аҳолии Самарқандро ӯзбекон, тоҷикон ва эрониён ташкил мекунанд. Дар баъзе манбаҳо қисми зиёди аҳолии шаҳрро тоҷикон ташкил мекунанд гӯён эътироф мекунанд. Бо баробари ин дар шаҳр русҳо, арманҳо, татарҳо, корейсҳо, озарбайҷонҳо, украинҳо, яҳудиҳо, ва полякҳо ҳам зиндагонӣ мекунанд.

Хулоса, Самарқанди имрӯза дар ҳамаи ҷабҳаи ҳаёт, чӣ илму фарҳанг, чи иқтисодиёту маданият ва чӣ обидаҳои таърихӣ яке аз шаҳрҳои пешрафта ва рушду нумӯъёфтаи ҷумҳурии соҳибистиқлоламон, яъне Ӯзбекистони ҷаннатмаконамон ба ҳисоб меравад, ки бо зебогиву нафосати худ ин шаҳри бостонӣ тамоми дунёро ба ҳайрат гузоштааст. Ва чун ҳар давру замон ҳамеша дар паи рушду нумӯъ буда, дар худ чандин зиёиёну уламоҳоро ба воя расонида, доираи мактаби адабиву илмӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии хешро боз ҳам такмил дода истодааст. Имрӯзҳо дар ин шаҳри бостонӣ бисёр ободиҳо ба амал оварда шуда истодааст, ки ҳамто надоранд. Ин ободиҳо рӯз аз рӯз афзун гардида, ба ҳусни ин диёри қадимаву куҳан, вале зебову бостонӣ ҳусн зам карда истодаанд. Албатта, ба ҳамаи ин дигаргуниву ободониҳо саҳми раисҷумҳури адолатпешаамон ҷаноби Шавкат Мирзиёев Миромонович беандоза аст.

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТҲО:**:

1. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.1 (Луғатшиносӣ) (Ҳ. Маҷидов)- Душанбе, 2007.- 242с.
2. Мажитова С.Ж. Силсилаи маонии калимоти пурмаънои ғазалиёти Абдураҳмони Ҷомӣ.-Самарқанд: Нашри ДДС, 2021.224б.
3. Мажитова С.Ж. (2023). Абдураҳмони Жомий ғазалиётида “инсон гӯзаллиги” концепти. Interpretation and Researches, 1(5). http://interpretationandresearches. uz/indeks.php/iar/artikle/view/106.
4. Муҳаммадиев М. Луғати мухтасари синонимҳои забони тоҷикӣ. (М. Муҳаммадиев).- Душанбе: Маориф, 1975.- 245 с.
5. Рауфов Ҳ. С. Айнӣ ва лексикаи забони адабии тоҷик (Ҳ.С, Рауфов) Душанбе: Дониш, 1978.- 46 с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – М. 1969.- 951 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2.- М.1969. – 952 с.
8. Ҳомидов, Д. Шевашиносии тоҷик. (Д. Ҳомидов)-Душанбе, 2009-164 с